ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10.11.2026, №24
барои сазовор донистани Одилзода Исмоил Одил, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№37 аз 23.09.2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Одилзода Исмоил Одил, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 04.12.1994 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик.

Соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ» хатм намуда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ гардидааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз 1 сентябри соли 2017 ба ҳайси омӯзгори кафедраи баҳисобгирӣ ва иқтисодиёти Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе» оғоз намудааст.

Аз 26 марти соли 2025 инҷониб дар вазифаи директори Маркази таҳсилоти фосилавии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамояд. Оиладор, соҳиби се фарзанд.

Дар давраи солҳои 2023–2025 ба ҳайси унвонҷӯи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Мавзӯи диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2023, таҳти № 5/6.11, тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Шарофзода Фарҳод Раззоқ - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар ҷаласаи кушоди кафедраи “соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (25.04.2026, суратҷаласаи №8) муҳокима гардида, бо назардошти ислоҳи эродҳо ва тавсияҳои ҷойдошта барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст.

Муқарризони расмӣ:

- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич - д.и.и., профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Абдуллоева Лола Ибодуллоевна – н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати муассисаи пешбар аз тарафи коршинос Нуриддинов Сунатулло Зубайдуллоевич, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент таҳия гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории муассисаи мазкур (аз 10.10.2026, суратҷаласаи №3) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Сатторзода Б.А. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсияи Одилзода И.О. дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Одилзода Исмоил Одил сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 18 интишори илмӣ, аз ҷумла, 12 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

1. Одилзода И.О. Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон // Маҷаллаи байналмилалии илмии «Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо». - Душанбе, 2026. - № 2 (10). - С. 269- 280.

2. Одилзода И.О. Механизмҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2026. - № 1/1 (143). - С. 416-419.

3. Шаропов Ф.Р., Одилзода И.О. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2026. - № 1/1 (143). - С. 312-315.

4. Одилзода И.О. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба таъмини рушди устувори соҳаи саноат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2026. - № 1/2 (146). - С. 443-449.

5. Шаропов Ф.Р., Одилзода И.О. Соҳибкории саноатӣ ва рақамикунонии он дар вилояти Хатлон // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/4 (140). - С. 361-364.

6. Абдуллоев И.О. Механизмҳои ташаккулёбии соҳаи саноат ва нақши он дар рушди иқтисодиёти мамлакат // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/2 (134). - С. 521-524.

7. Абдуллоев И.О. Соҳибкории саноатӣ ва рақамикунонии он дар вилояти Хатлон // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - №1/4 (134). - С. 418-423.

8. Абдуллоев И.О. Рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва аҳамияти рақамикунонии он дар иқтисоди муосир // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/4 (140). - С. 522-526.

9. Абдуллоев И.О. Нақши рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва афзалиятҳои он // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/3 (137). - С. 592-595.

10. Абдуллоев И.О. Рушд ва мукаммалгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2024. - № 1/4 (128). - С. 564-567.

11. Абдуллоев И.О. Такмилдиҳии амсилаи сармоягузории самаранок ба сармояи инсонӣ // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2024. - № 1/4 (128). - С. 492-498.

12. Абдуллоев И.О. Соҳаи саноат ва афзалиятҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2024. - № 1/3 (125). - С. 561-564.

Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаи маводи конференсияҳо:

13. Одилзода И.О. Нақш ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар рушди устувори соҳаи саноат // Маводи конф. ҷумҳ. илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии тағйирёбии иқлим, омилҳо ва таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёти миллӣ» (30.03.2026). - Бохтар, 2026. - С. 282-284.

14. Одилзода И.О. Иқтисодиёти рақамӣ ва афзалиятҳои татбиқи он дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ // Маводи конф. илмӣ-амалии байн. дар мавзӯи «Муаммоҳои муосири математика ва таълими он», бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» ва 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Бохтар, 2025. - С. 60-62.

15. Абдуллоев И.О. Ташаккулёбӣ ва афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ // Маводи конф. ҷумҳ. илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26-27 апрели соли 2024). - Бохтар, 2024. - С. 38-40.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

1) аз номи д.и.и., профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Шарифов Зариф Раҳмонович бо чунин эродҳо:

- ба андешаи мо, ба масъалаи арзёбии омилҳои боздорандаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан мувофиқи мақсад мебуд;

- таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба ҷалби сармоягузорӣ барои рақамикунонии корхонаҳои саноатӣ метавонист аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам баланд бардорад.

2) аз номи д.и.и., дотсент, мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории Институти иқтисодиёт ва деомграфияи АМИТ Шарофзода Баҳром бо чунин эродҳо:

- дар қисми назариявии таҳқиқот масъалаҳои муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар рушди соҳибкории саноатӣ метавонистанд бо назардошти хусусиятҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои истеҳсолии вилояти Хатлон муфассалтар баррасӣ карда шаванд.

- сифати таҳқиқот боз ҳам беҳтар мегардид, агар механизми татбиқи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ бо муайян намудани марҳилаҳои асосии амалисозӣ, хароҷоти зарурӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии иқтисодии онҳо мушаххастар пешниҳод карда мешуд.

3) аз номи н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Комилзода Низомиддин бо чунин эродҳо:

- дар қисмати назариявӣ нуқтаи назари муаллиф кам ба назар мерасад ва ихтилофи назарҳо дида намешавад;

- таҳлили вазъи кунунии соҳаи саноати вилояти Хатлон ба таври зарурӣ таҳлил карда нашудааст.

4) аз номи н.и.и., дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Султонов З.С.:

- ба назари мо, таҳлили сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон бо нишондиҳандаҳои муқоисавии соҳавӣ пурра карда мешуд, арзиши илмии таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид;

- дар таҳқиқот ба масъалаи омодасозии кадрҳои соҳибмалака барои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба мақсад мувофиқ мебуд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки диссертатсияи Одилзода И.О. ба рушди асосҳои назариявию методии соҳибкории саноатӣ, арзёбии ҳолат ва тамоюлҳои он, таҳияи воситаҳои муайян намудани омодагии рақамии корхонаҳо, такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории саноатӣ ва асоснок намудани дурнамои он дар вилояти Хатлон бахшида шудааст.

Мубрамияти таҳқиқот бо зарурати татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, рушди истеҳсолоти коркард, ташаккули занҷираҳои арзиши иловашуда, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ муайян карда мешавад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб:

• **таҳия ва такмил дода шудааст** мафҳуми муаллифии соҳибкории саноатӣ ҳамчун фаъолияти мустақилона, ташаббускорона ва таваккалкоронаи иқтисодӣ, ки сармоя, меҳнат, дониш ва технологияро барои ташкил ва навсозии истеҳсолот, ташаккули арзиши иловашуда ва ба даст овардани натиҷаи устувори иқтисодию иҷтимоӣ муттаҳид менамояд;

• **асоснок карда шудааст** робитаи панҷзинагии «захира – қарори соҳибкорӣ – раванди истеҳсол – натиҷаи бозорӣ – самараи устувор», ки имконият медиҳад фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар сатҳҳои микроиқтисодӣ, мезоиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ ҳамчун низоми ягона таҳқиқ карда шавад;

• **пешниҳод шудааст** истифодаи Индекси омодагии рақамӣ ҳамчун воситаи ташхис, муқоиса ва мониторинги ҳолати корхонаҳои саноатӣ, муайян намудани

маҳдудиятҳои рақамикунонӣ ва интихоби самтҳои афзалиятноки таҳдиди технологию ташкилӣ;

• **такмил дода шудааст** механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон, ки Маркази лоиҳавии рушди саноати рақамӣ, феҳрист ва шиносномаи рақамии корхонаҳо, гурӯҳҳои соҳавӣ, маркази хизматрасониҳои муштарак, равзанаи маблағгузории таҳдиди рақамӣ, маблағгузории марҳилавӣ ва панели нишондиҳандаҳои натиҷаро муттаҳид менамояд;

• **таҳия шудааст** модели сенариявии дурнамои рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон то соли 2030, ки се сенария - инерсионӣ, таҳдиди мақсаднок ва рақамикунонии босуръатро аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосии рушди саноат муқоиса менамояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:

• **исбот шудаанд** муқаррароти илмӣ оид ба зарурати баррасии соҳибкории саноатӣ ҳамчун низоми иқтисодии ба ташаббус, таваккал, навоварӣ ва фаъолияти истеҳсолӣ асосёфта, ки дар шароити рақамикунонӣ мазмун ва механизмҳои рушди он тағйир меёбанд;

• **вобаста ба масъалагузории диссертатсия самаранок ва бо ба даст овардани натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ истифода шудаанд** муқаррароти назарияи соҳибкорӣ ва навоварӣ, назарияи рушди саноатӣ ва минтақавӣ, равиши низомӣ ва институтсионалӣ, консепсияи занҷираи арзиш, назарияи дигаргунсозии рақамӣ ва идоракунии лоиҳаҳо;

• **асоснок карда шудааст** зарурати омӯзиши соҳибкории саноатӣ дар се сатҳи ба ҳам алоқаманд: микроиқтисодӣ - фаъолияти корхона ва қарорҳои соҳибкорӣ; мезоиқтисодӣ - занҷираҳои арзиш, кластерҳо ва иқтисоди минтақа; макроиқтисодӣ - саноатикунонӣ ва амнияти иқтисодии миллӣ;

• **омӯхта шудаанд** таҷрибаи хориҷии рушди соҳибкории саноатӣ ва рақамикунонии корхонаҳои истеҳсолӣ, имкониятҳои мутобиқ намудани технологияҳои муосир, усулҳои идоракунӣ ва механизмҳои дастгирии давлатӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• **муайян карда шудаанд** омилҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, технологӣ, инфрасохторӣ, молиявӣ ва кадрӣ, ки ба суръат ва самаранокии рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон таъсир мерасонанд;

• **асоснок карда шудаанд** принсипҳои идоракунии лоиҳаҳои рақамикунонии саноатӣ, аз ҷумла натиҷамеҳварӣ, марҳилавӣ, ҳамгироӣ, амнияти додаҳо, дастгирии мақсадноки давлатӣ ва васеъ намудани татбиқи технологияҳо танҳо баъди тасдиқи самаранокии онҳо.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои амалия бо он тасдиқ карда мешавад, ки:

• **таҳия ва барои истифода пешниҳод шудаанд** феҳрист ва шиносномаи рақамии корхонаҳои саноатӣ, ки имконият медиҳанд маълумот оид ба ҳолати истеҳсолот, инфрасохтори технологӣ, иқтидори кадрӣ ва сатҳи омодагии рақамӣ ҷамъоварӣ ва низомманд карда шавад;

• **пешниҳод шудааст** Индекси омодагии рақамӣ ҳамчун воситаи ташхиси ҳолати корхонаҳо, муайян намудани маҳдудиятҳои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки таҳдиди истеҳсолот;

• **таҳия шудааст** матритсаи интихоби лоиҳаҳои рақамикунонӣ, ки барои муқоисаи афзалиятҳо, хароҷот, хавфҳо ва натиҷаҳои пешбинишавандаи лоиҳаҳои таҳдиди технологӣ истифода шуда метавонад;

• **асоснок карда шудааст** таъсиси Маркази лоиҳавии рушди саноати рақамӣ ва маркази хизматрасониҳои муштарак ҳамчун унсурҳои механизми ташкилию иқтисодӣ, ки ба корхонаҳо дар масъалаҳои ташхиси рақамӣ, интихоби технологияҳо, машварат, омӯзиш ва ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо мусоидат менамоянд;

• **муайян шудаанд** самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон, аз ҷумла таъдиди корхонаҳои саноати коркард, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, коҳиши талафоти ашёи хом, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва рушди занҷираҳои маҳаллии арзиши иловашуда;

• **пешниҳод шудааст** модели сенариявии рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон то соли 2030, ки метавонад ҳангоми таҳияи барномаҳои минтақавии рушди саноат, муайян намудани афзалиятҳои сармоягузорӣ ва арзёбии натиҷаҳои сиёсати дастгирии соҳибкорӣ истифода шавад;

• **истифода мешаванд** муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ ва матнҳои лексияҳо аз фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ» ва «Иқтисодиёти соҳибкорӣ».

Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:

• **назарияи таҳқиқот бунёд шудааст** дар заминаи муқаррароти назарияи соҳибкорӣ ва навоварӣ, назарияи рушди саноатӣ ва минтақавӣ, равиши низомӣ ва институтсионалӣ, консепсияи занҷираи арзиш, назарияи дигаргунсозии рақамӣ ва идоракунии лоиҳаҳо;

• **ғояи таҳқиқот асос ёфтааст** ба фарзияи илмие, ки тибқи он суръат ва сифати рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон дар ҳолате баланд мегардад, ки раванди рақамикунонӣ ҳамчун механизми ҳамгирои тағйир додани равандҳои истеҳсолӣ, малакаҳои кадрӣ, идоракунии додаҳо ва қабули қарорҳои иқтисодӣ амалӣ карда шавад;

• **истифода шудаанд** усулҳои таҳлили мантиқӣ ва муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили сохторӣ ва динамикӣ, индексӣ, оморӣ, графикӣ, баҳодиҳии экспертӣ, усули сенариявӣ ва моделсозии иқтисодӣ;

• **пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро ташкил додаанд** санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти омори вилояти Хатлон, иттилооти мақомоти давлатӣ, ҳисоботи корхонаҳои саноатӣ ва маводи ташкилотҳои байналмилалӣ;

• **муқаррар шудааст**, ки таҳлили асосии динамикаи соҳибкории саноатӣ солҳои 2018–2025-ро фаро гирифта, дурнамои сенариявии нишондиҳандаҳои асосии рушди саноат барои давраи то соли 2030 таҳия шудааст;

• **ба назар гирифта шудааст** маҳдудияти мавҷуд набудани омори мустақими рақамикунонии ҳамаи корхонаҳои саноатӣ ва бо мақсади бартараф намудани он ташкили пойгоҳи мунтазами мониторинг, истифодаи пурсишнома, аудити равандҳои иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои воқеии самаранокии истеҳсолӣ пешниҳод гардидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз инҳо иборат мебошад:

• мустақилона муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи илмии таҳқиқот, инчунин асоснок намудани мубрамияти рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;

• ҷамъоварӣ, омӯзиш ва низомманд намудани адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва маводи таҳлилӣ оид ба рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон;

• таҳқиқ ва такмили мафҳуми иқтисодии соҳибкории саноатӣ, асоснок намудани робитаи панҷзинагии «захира – қарори соҳибкорӣ – раванди истеҳсол – натиҷаи бозорӣ – самараи устувор» ва муайян намудани хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳҳои микро, мезо ва макро;

• омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти рақамикунонии корхонаҳои саноатӣ ва муайян намудани имкониятҳои мутобиқ намудани унсурҳои самараноки он ба шароити вилояти Хатлон;

• гузаронидани таҳлили вазъ, сохтор ва динамикаи рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон дар солҳои 2018–2025 ва муайян намудани омилҳои ба маҳсулнокӣ, сармоягузорӣ ва рақобатпазирии корхонаҳо таъсиррасон;

• таҳияи низоми нишондиҳандаҳо ва матритсаи интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки рақамикунонӣ бо дарназардошти омодагии корхонаҳо, имкониятҳои молиявӣ, хавфҳои технологӣ ва самаранокии пешбинишаванда;

• такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории саноатӣ, аз ҷумла пешниҳоди Маркази лоиҳавии рушди саноати рақамӣ, феҳрист ва шиносномаи рақамии корхонаҳо, маркази хизматрасониҳои муштарак, равзанаи маблағгузории таҷдиди рақамӣ ва панели нишондиҳандаҳои натиҷа;

• таҳияи модели сенариявии дурнамои рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон то соли 2030 ва муқоисаи сенарияҳои инерсионӣ, таҷдиди мақсаднок ва рақамикунонии босуръат;

• таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ, маблағгузории марҳилавӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва таъмини рушди устувори соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 10 ноябри соли 2026 қарори сазовор донистани Одилзода Исмоил Одил ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, мукобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

Раиси ҷаласаи шурои
диссертатсионӣ, д.и.и., профессор **Фақеров Ҳ.Н.**

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент **Исмоилов А.А.**